بسم الله الرحمن الرحيم

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ.* ***122;*** *Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ.* ***432;*** *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4****, саҳ.* ***366, 371,*** *ҷилди* ***5****, саҳ.* ***182,*** *Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати сеюм**
**Зиндагии бонуи бонувон Фотимаи Заҳро (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام کتاب: بانوی بانوان حضرت فاطمه زهرا (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии бонуи бонувон Фотимаи Заҳро)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Зарринтоҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-206-3
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org


**RIGHTS RESERVED FOR THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

# Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Бонуи бонувон ҳазрати Фотимаи Заҳро (а)

## Хулосаи зиндагии Фотимаи Заҳро (а)

**Ном**: Фотима

**Куния**: Уммулҳасан, Уммулҳусайн, Уммулмӯҳсин, Уммулаимма ва Уммуабиҳо.[1]

**Бархе аз машҳуртарин лақабҳо**: Заҳро, Батул, Сиддиқаи Кубро, Муборака, Азроъ, Тоҳира ва Сайидатуннисо.[2]

**Падар**: Расули Акрам Муҳаммад ибни Абдулло Паёмбари азимушшаъни Ислом (с).

**Модар**: Хадичаи Кубро - нахустин ҳамсари Паёмбар(с) ва аввалин зане, ки ба ӯ имон овард.

**Таваллуд**: Соли панҷуми баъсат дар Маккаи Мукаррама.[1]

---

[1] “Кашфулғумма” чопи “Исломия” 1381-и ҳиҷрии қамарӣ, ҷ.2, саҳ.18. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб чопи Наҷаф, ҷ.3, саҳ132. “Биҳоруланвор” чопи нав, ҷ.43, саҳ16. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ чопи матбааи “Сайидушшуҳадо”-и Қум, саҳ.12

[2] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.133. “Биҳоруланвор” ҷ.43, саҳ.16. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ чопи матбааи “Сайидушшуҳадо”-и Қум, саҳ.10-12.



**Шаҳодат**: Соли ёздаҳуми ҳиҷрат дар Мадинаи Мунаввара, дую ним моҳ пас аз вафоти Паёмбар(с).[2]

**Макони дафн**: Ба ҷиҳатҳои сиёсӣ ва бинобар васияти худ, шабона ва махфиёна тавассути Амири мӯъминон Алӣ (а) ба хок супорида шуд[3] ва то имрӯз маҳалли дақиқи қабри мутаххари Заҳро (а) маълум нашуда аст.

**Фарзандон**: Имом Ҳасани Муҷтабо(а), Имом Ҳусайни Сайидушшуҳадо(а), Зайнаби Кубро, Умми Кулсум ва Мӯҳсин, ки сақт шуд.[4]

### Навзоди ваҳй ва рисолат

Панҷ сол пас аз баъсати Паёмбар(с) дар рӯзи ҷумъаи бистуми моҳи ҷимодиуссонӣ,[5] дар буни осмони Ҳиҷоз, дар доманаи кӯҳҳои сангии Макка, дар чашмандози Каъба, дар манзили ваҳй, дар арсае, ки даҳони худоҷӯи Паёмбар(с) бо тиловати

---

[1] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.132. “Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ. 458, чопи “Исломия”, Теҳрон

[2] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.132. “Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ. 458, чопи “Исломия”, Теҳрон

[3] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.137. “Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ. 458, чопи “Исломия”, Теҳрон

[4] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.133.

[5] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.4. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ. 132. “Мунтаҳаломол” чопи матбуоти “Ҳусайнӣ”-и Теҳрон, саҳ. 156. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.4

Қуръон ба он нур мепошид, дар хонае, ки фариштагон онро хуб мешинохтанду дар он рафтуомад доштанд, он ҷо, ки зам-замаи намози Паёмбар дар субҳу шом ва овои малакутии тиловати Паёмбар дар дили шаб заминашро ба осмон пайванд медод, дар хонаи умеди ятимон , дар хонаи дастгирӣ аз мустамандон, дар хонаи паноҳи асирон, дар хонаи Паёмбар(с) ва Хадича духтаре чашм ба ҷаҳон кушод…

Духтари Паёмбар(с), тифли рисолат, пайкараи исмат, башарият дар як зан, ҳамсангу ҳамсари хилофати Худо дар замин, бонуи бонувони ҷаҳон - Фотима (а) ба дунё омад.

Хонаи Расули Худо(с) бо таваллуди Фотима(а) беш аз пеш макони меҳру муҳаббат шуд. Дар ҷангҷолу ранҷҳои азими Паёмбари азиз, ки дар он ҳангом дар Макка бо он дастбагиребон буд, Фотимаи хурдсол чун насими оромбахш рухсораҳои хастаи падару модари дардмандро ҳар субҳу шом навозиш мекард ва ранҷи рӯзҳои пурмашаққати рисолатро таскин мебахшид... Чи шурангез аст духтаре чунон арҷманд бошад, ки сайиди коинот Расули Акрам (с) ба ӯ таскин ёбад ва дар бораи ӯ бигӯяд: “Рӯҳи ман аст, бӯи биҳиштро аз ӯ истишмом[1] мекунам”.[1] Ҳамаи ин

[1] Бӯидан, бӯй кашидан, шамидан.



дар бораи Фотимаи Заҳро(а) тааҷҷубовар нест, зеро ки ӯ аз зумраи бузургворонест, ки Худои Мутаол дар китоби осмонии хеш мефармояд:

***«Худои Мутаол ирода фармудааст, ки шумо Аҳли Байти Паёмбар аз ҳар гуна палидӣ пок ва барканор бошед».***[2-3]

Фотима (а) хулосаи вуҷуди Паёмбари азими Ислом аст. Зиндагии саросар нури Фотима(а) шоёни ҳар гуна тақдири осмонӣ аст ва ӯ баргузида аз миёни бонувон дар пешгоҳи Худост, ки бо қадосати хеш арҷмандии занро исбот мекунад. Вуҷуди Фотима(а) ба танҳоӣ бартарин гувоҳи он аст, ки зан низ метавонад дар авҷи маънавиятҳое, ки родмардони осмонӣ ба он ноил шудаанд, сайру парвоз кунад.

## Ҳамроҳи падар

Падари гиромии Фотима(а) бениёз аз таърифу тавсиф аст, падаре, ки Худои ҷаҳон ӯро соҳиби “***хулқи азим***”[4] муаррифӣ карда ва ба матни

[1] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.24. “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.4, 5, 6 ва 54. “Уюну ахборир Ризо” чопи Теҳрон, интишороти “Ҷаҳон”, ҷ. 1, саҳ.116.

[2] Сураи “Аҳзоб” ояти 33

[3] “Амолӣ”-и Тӯсӣ чопи Наҷаф, ҷ.2, саҳ.162, 172, 212 ва дар бисёре аз ҷойҳои ин китоб ва китобҳои дигар.

[4] Дар сураи “Қалам” ояти 4

китоби илоҳӣ: ***“Аз ҳавои хеш сухан намегӯяд ва он чи гӯяд ваҳйи илоҳӣ аст”***[1]**...**

Фотима(а) саросари ҳаёти пурнури худро дар партави ваҳй ва дар сояи инсонсози чунин падаре гузаронд. Ӯ тақрибан дусола буд, ки ҳамроҳи падар дар муҳосираи иқтисодии куффори қурайш қарор гирифт ва се сол дар шиъби Абӯтолиб”[2] ҳамроҳи падару модар ва соири мусулмонон дар таҳаммули сахттарин шароити гуруснагию сахтӣ ширкат дошт.

Дар соли даҳуми баъсат, андаке пас аз наҷот аз “Шиъб”[3] модари гиромии хешро, ки ранҷҳои даҳ соли муборизаю таҳаммул ва ба хусус фишори сахтиҳои муҳосираи иқтисодӣ ранҷураш сохта буд, аз даст дод. Фотима(а) бе модар монд ва ин ҳарчанд сахт ранҷовару мусибатбор буд, аммо беш аз пеш ӯро дар канори падар ва дар домони тарбияти Паёмбар(с) қарор дод… Дар ҳаштсолагӣ андаке пас аз ҳиҷрати Паёмбар ҳамроҳи соири бонувони хонадони Паёмбар(с) ва бо ҳамроҳии Алӣ (а) аз Макка ба Мадина омад.[4]

[1] Сураи “Наҷм” ояти 4

[2] “Шиъби Абӯтолиб”- дарае дар канори Макка буд, ки Паёмбар(с) ва наздикони ӯ ва ҳамчунин мусулмонон дар солҳои муҳосираи иқтисодӣ дар он ҷо паноҳ бурда, зиндагӣ мекарданд, “Мунтаҳаломол”, саҳ.63-64.

[3] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.79-80.

[4] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.84-85.



Фотима боз дар канори падар ҷой гирифт, дар мушкилоти гуногуни зиндагии паёмбар дар Мадина ҳамеша бо падар буд. Дар ҷанги Ӯҳуд пас аз он ки мусулмонон маҷбур ба ақибнишинию паноҳ гирифтан дар кӯҳ шуданд, Фотима(а) саросема аз Мадина ба урдугоҳи паёмбар омад ва ҳамроҳи Амири мӯъминон Алӣ (а) ба мудовои захмҳои Паёмбар(с) пардохт...[1]

Фотима(а) бо Ислом бузург шуд, бо Ислом ва Қуръон ҳамроҳ буд, дар ҳавои ваҳю нубувват нафас мекашиду меболид, зиндагиаш аз зиндагии Паёмбар(с) ҷудо намешуд, ҳатто бо вуҷуди издивоҷу фарзанддорӣ хонааш ба хонаи паёмбар пайваст буд. Паёмбар(с) беш аз ҳар ҷои дигар ба хонаи Фотима рафтуомад дошт ва ҳар бомдод пеш аз рафтан ба масҷид ба дидори Фотима мерафт.[2] Хидматгори Паёмбар(с) мегӯяд: вақте он гиромӣ мехост ба сафар равад бо охирин касе, ки хайрухуш мекард, Фотима буд ва вақте бармегашт, пеш аз дидори ҳар кас назди Фотима мерафт...[3]

Саранҷом, Фотима дар охирин соатҳои зиндагии Паёмбар(с) бар сари болини падар буд, ӯ мегирист ва паёмбари азиз ӯро дилдорӣ

[1] “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.2, саҳ.65.

[2] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.13

[3] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.6

мекард, ки пештар аз дигарон ба падар хоҳад пайваст.[1]

## Модари Фотима (а)

Фотима (а) панҷ сол аз даврони кӯдакиашро дар домони модари гиромию фидокори худ Хадича гузаронида аст. Модаре, ки аввалин бонуи Ислом буд ва Паёмбар(а) дар бораи ӯ мефармуд:

***“Хадича яке аз беҳтарин занони ин уммат аст”.[2]***

Хадича(а) чунон назди Паёмбар(с) маҳбубу мӯҳтарам буд, ки то ҳаёт дошт Паёмбар ҳамсари дигар ихтиёр накард. Пас аз вафоти ӯ низ бисёр аз ӯ ёд мекард ва ҳатто ба дӯстони Хадича низ эҳтиром мегузошт то он ҷо, ки: “Гоҳе ба паёмбар тӯҳфае тақдим мекарданд, мефармуд: ба хонаи фалон зан баред, зеро ӯ дӯсти Хадича аст”.[3]

Оиша мегӯяд: “Паёмбар ҳамеша аз Хадича ба некӣ ёд мекард. Рӯзе ба ӯ эътироз кардам: эй Расули Худо! Хадича пиразане беш набуд ва Худо аз ӯ беҳтарро ба ту ато кардааст! Паёмбар(с) хашмгин шуд ва фармуд:

[1] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.14-15

[2] “Тазкиратулхавос”-и Ибни Ҷавзӣ чопи Наҷаф соли 1373-и ҳиҷрии қамарӣ, саҳ.302. “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.71.

[3] “Сафинатулбиҳор”, ҷ.1, саҳ.380



***“Ба Худо савганд Худои Мутаол беҳтар аз ӯ ба ман нададааст; Хадича имон овард, ҳангоме ки дигарон дар куфр буданд, маро тасдиқ кард, ҳангоме ки дигарон инкорам мекарданд, амволашро ройгон дар ихтиёрам гузошт, ҳангоме ки дигарон маҳрумам медоштанд ва Худои Мутаол насли маро ба василаи ӯ қарор дод…”.[1]***

Ҳамаи ин гӯёи ҳақиқати бузург дар таърихи Ислом аст, ба ростӣ фидокориҳои Хадича дар пешрафти рисолати Паёмбар(с) таъсири босазо доштааст. Ба гуфтаи бархе аз донишмандон: Ислом ва рисолати Паёмбар(с) бо ҷиҳоди Алӣ (а) ва инфоқи[2] Хадича(а) равнақ ёфт; яъне Худои Мутаол ин ду гиромиро василаи таъйиди паёмбари хеш сохт ва ҷиҳоди Алӣ(а) ва инфоқи Хадича(а)**-** ду омили бузурги густаришу пирӯзии Ислом буд ва ҳамаи мусулмонон дар тамоми асрҳо неъмати имонро пас аз Худою Паёмбар(с) ба ин ду гиромӣ мадюнанд.[3]

[1] “Тазкиратулхавос”, саҳ.302 ва бо андаке тафовут дар “Кашф-улғумма”, ҷ.2, саҳ.79-80

[2] Хароҷоти молӣ.

[3] Қарздоранд.

Фотима ёдгори чунон модаре ва фарзанди чунон падаре аст. Бо вафоти Хадича (а), дар соли даҳуми баъсат,[1] Фотима(а) домони пурмеҳри модари азизу фидокорашро аз даст дод ва пас аз он танҳо Фотимаи хурдсол буд, ки ҷои холии модарро дар конуни хонавода пур мекард...

**Ҳиҷрат ба Мадина**

Дар ҳамон соли вафоти Хадича(а) Паёмбар(с) амаки фидокор ва ҳомии бузурги худ Абӯтолибро низ аз даст дод.[2-3] Абӯтолиб(а) аз самимитарин ёрони Паёмбар(с) буд. Ӯ раиси қурайш ва бузурги Макка буд ва бо нуфузе, ки дар миёни маккиён ва қурайш дошт, вуҷудаш пуштибонии муҳим барои Паёмбар(с) ва мусулмонон ба ҳисоб мерафт, ба тавре ки то ӯ зинда буд, куффори қурайш наметавонистанд ба паёмбар даст дароз кунанд.[4]

Абӯтолиб(а) дар саросари умр аз ҳеҷ гуна ҳимояту хидматгузорӣ нисбат ба паёмбар кӯтоҳӣ наварзид ва ҳатто барои он ки битавонад дар

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.16, саҳ.8, 13

[2] "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.77. "Мунтаҳаломол", саҳ.65, "Таърихи Яъқубӣ" чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.35.

[3] Бинобар бархе ривоёт Абӯтолиб як моҳ пеш аз Хадича аз дунё чашм пӯшида аст, - "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.79.

[4] "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.79, "Мунтаҳаломол", саҳ.63, 64, 65, 136,197.



баробари қурайш ва тӯҳматҳои онон садде бошад, имону исломи худро пинҳон медошт. Ӯ бо тақия[1] зиндагӣ мекард[2] ва чунон вонамуд мекард, ки ба ҷиҳати хешовандӣ аз Паёмбар(с) ҳимоят мекунад. Ин тадбири Абӯтолиб сабаби он шуд, ки куффори қурайш ӯро аз худ бидонанд ва аз биму эҳтироми ӯ натавонанд дар садади нобудии Паёмбар(с) бароянд. Ба ҷиҳати ҳамин фидокорию тақия бархе хомандешон дар фирқаҳои исломӣ, дар имон ва мусулмон будани Абӯтолиб шак кардаанд. Онон ба он гиромӣ, ки саропо имону исор[3] буд, нисбатҳои норавое чун ширку куфр додаанд.[4]

Бо вафоти Абӯтолиб(а) кор бар Паёмбар(с) мушкилтар шуд ва мубориза ва озору шиканҷаи қурайш шиддат ёфт то он ҷо, ки бо тарҳи нақшаи маккорона дар садади қатли паёмбар баромаданд. Онон афроде аз тоифаҳои мухталифро водор ба он карданд, ки ногаҳон ба хонаи паёмбар ҳуҷум оварда он гиромиро ба

[1] Пинҳон доштани эътиқодоти динӣ ва мансубияти худ.

[2] "Амолӣ"-и Садуқ чопи Бейрут, саҳ. 491-492. "Мунтаҳаломол", саҳ.136, "Фусулулмухтора"-и Шайх Муфид, саҳ.228-232.

[3] Нисор, фидо, бахшиш.

[4] Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки чунин нисбатҳое ба Абӯтолиб(а) бештар дар замони ҳукумати Муовия ва соири Бани Умайя ривоҷ ёфт ва онон ба ҷиҳати душманӣ бо Амири мӯъминон Алӣ (а) чунин дурӯғҳоеро паҳн мекарданд.

қатл расонанд. Ба ин тартиб қатли паёмбар ба ӯҳдаи тоифаҳои гуногун бошад ва Бани Ҳошим, ақвому наздикони паёмбар натавонанд ба хунхоҳӣ иқдом намоянд ва ночор гирифтани хунбаҳоро бипазиранд...[1]

Дар баробари чунин дасиса Паёмбар(с) аз тарафи Худои Мутаол маъмур ба муҳоҷират шуд[2] ва қабл аз он бархе аз саршиносони Ясриб (Мадина) бо паёмбар мулоқот карда ва Исломро пазируфтанд. Онон паймон баста буданд, ки агар паёмбар ба Ясриб биёяд бо ҷону мол ва нафароти худ аз ӯ ва Ислом ҳимоят кунанд. Бо ин собиқа Паёмбар(с) дар ҳамон шабе, ки куффори қурайш мехостанд дасисаи худро амалӣ созанд, аз Макка хориҷ шуд, Алӣ (а) дар бистари Паёмбар(с) хобид ва куффори қурайш пас аз ҳуҷум ба хонаи паёмбар бо Алӣ(а) рӯ ба рӯ шуданд...[3]

Паёмбар 12 рӯз баъд ба “Қубо” дар наздикии Мадина расид ва дар он ҷо таваққуф фармуд, то Алӣ(а) ба ӯ пайваст. [4] Алӣ(а) пас аз таваққуфи кӯтоҳ дар Макка ва расидагӣ ба корҳои паёмбар,

[1] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.79-80. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.1, саҳ.158. “Фусулулмуҳимма”-и Ибни Саббоғи Моликӣ, чопи Наҷаф, саҳ.46.

[2] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.80.

[3] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.82-83. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.1, саҳ.156-157-158. “Фусулулмуҳимма” саҳ.45-47.

[4] “Равзаи Кофӣ” чопи “Исломия”-и Теҳрон саҳ.339.



бонувони хонадони паёмбар ва Фотима (а)-ро ҳамроҳ гирифта, ба сӯи Мадина раҳсипор шуд.[1] Дар роҳ бархе аз мушрикини Макка, бо онон бархӯрд намуданд ва чун қасди музоҳимат ва пешгирии сафари ононро доштанд, Алӣ(а) даст ба шамшер бурд. Вақте ҳазрат як тан аз ононро ба он дунё фиристод, боқимонда ҳама гурехтанд ва Алӣ (а) ва ҳамроҳонаш чанд рӯз баъд ба паёмбар пайвастанд ва ҳамроҳи он гиромӣ ба Мадина расиданд.[2]

## Шахссияти осмонии Фотима (а)

Шахсияти осмонии бонуи бонувон Фотима(а) болотар аз дарки мо ва арҷмандтар аз васфи мост. Бонуе, ки дар шумори маъсумин аст,[3] бонуе, ки муҳаббат ва вилояти ӯ ва хонадони ӯ аз фароизи динӣ аст,[4] бонуе, ки хашму норозигии ӯ, хашму норозигии Худо маҳсуб мешавад,[5] чӣ гуна мумкин аст гӯшаҳои ғарибӣ шахсияти маънавии

[1] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.84. “Фусулулмуҳимма”-и Ибни Саббоғ, саҳ.52

[2] “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ. 84-85. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.1, саҳ.159

[3] “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.393

[4] “Амолӣ”-и Муфид, саҳ. 27, 38

[5] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.14,24, “Биҳоруланвор” ҷ.43, саҳ.19,26. “Амолӣ”-и Муфид, саҳ.56. “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.314, “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.41

ӯ дар гуфтори мо хокиёни маҳдуд ҷилвагар шавад!

Аз ҳамин сабаб Фотимаро аз даҳони пешвоёни маъсум бояд шунид. Ва инак гӯшаҳое аз арҷмандии бонуи гиромии Исломро дар каломи пешвоёни маъсум алайҳимоссалом бишнавед:

* Паёмбар фармуданд, ки фариштае ба фармони илоҳӣ нозил шуд ва ба ман фармон дод, ки:

> ***“... Ҳасан ва Ҳусайн сарвари ҷавонони биҳиштанд ва Фотима бонуи бонувони биҳиштӣ аст”.*** [1]

* Паёмбар(с) фармуданд:

> ***“Беҳтарини занони ҷаҳон чаҳор нафаранд, Марям - духтари Имрон, Хадича - духтари Хувайлид, Фотима - духтари Муҳаммад ва Осия - духтари Мазоҳим (ҳамсари Фиръавн).*** [2]

* Паёмбар фармуданд:

> ***“Биҳишт муштоқи чаҳор тан аз бонувон аст; Марям - духтари Имрон, Осия - ҳамсари Фиръавн, Хадича - духтари Хувайлид, ҳамсари паёмбар***

[1] “Амолӣ”-и Муфид, саҳ.13, “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.83.

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.36, “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.104



> ***дар дунё ва охират ва Фотима(а) - духтари Муҳаммад(с).*** [1]

* Ва низ фармуданд:

> ***“Худованд ба хашми Фотима хашмгин мешавад ва ба хушнудии ӯ хушнуд мегардад”.*** [2]

* Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимоссалом фармуд, ки Паёмбар(с) фармудааст:

> ***“Худои Мутаол чаҳор тан аз бонувонро баргузид; Марям, Осия, Хадича ва Фотима(а).*** [3]

* Имом Ризо(а) аз Паёмбар нақл мекунад, ки фармуданд:

> ***“Ҳасан(а) ва Ҳусайн(а) пас аз ман ва падарашон беҳтарини аҳли замин ҳастанд ва модарашон бартарини занони рӯи замин аст”.*** [4]

* Дар китоби “Саҳеҳи Бухорӣ” ва китоби “Саҳеҳи Муслим”, ки ҳар ду аз мӯътабартарини китобҳои аҳли суннат ва муаллифонашон аз машҳуртарин ва бузургтарин олимони аҳли

[1] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.23.

[2] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.24, “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.19,26, “Амолӣ”-и Муфид, саҳ.56, “Амолӣ”-и Тӯсӣ чопи Наҷаф, ҷ.2, саҳ.41, “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.314

[3] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.19 ва “Хисол”-и Садуқ

[4] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.19-20, “Уюну ахборир Ризо”, ҷ.2, саҳ. 62

тасаннун мебошанд, нақл шуда аст, ки Паёмбар(с) фармудаанд:

***“Фотима сайидаи бонувони аҳли биҳишт аст”.[1]***

* Ба Имом Содиқ (а) гуфта шуд: Оё ин ки паёмбар фармудаанд “Фотима сарвари бонувони биҳишт аст” ба ин маъност, ки сарвари бонувони замони худ будааст?

Фармуд: Ин дар мавриди Марям аст ва Фотима сарвари бонувони аҳли биҳишт аз аввалин то охирин мебошад.[2]

* Ба Паёмбар(с) гуфта шуд: Эй Расули Худо! Оё Фотима сарвари бонувони замони худ аст?

Фармуданд: Ин дар мавриди Марям духтари Имрон мебошад, аммо духтарам Фотима(а) сарвари ҳамаи бонувони ҷаҳон аз аввалин то охирин аст...[3]

* Муфаззал мегӯяд, ки ба Имом Содиқ (а) гуфтам: дар мавриди фармоиши Расули Худо (с), ки дар бораи Фотима фармудаанд “Сарвари бонувони ҷаҳон аст” ба ман хабар диҳед, ки оё фақат сарвари бонувони замони худ буд?

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.36, “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.105

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.36, “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ. 105

[3] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.24. “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.394



Фармуд: Ин барои Марям аст, ки сайидаи бонувони замони худ буд ва Фотима(а) сарвари бонувони ҷаҳон аз аввалин ва охирин аст.[1]

* Имом Ризо(а) аз падарони гиромии худ, аз Амири мӯъминон Алӣ (а) ривоят кардааст, ки Паёмбар(с) фармудаанд: “Рӯзи қиёмат мунодии илоҳӣ аз зери арши Парвардигор нидо мекунад, ки эй гурӯҳи офаридагон, дидагон бар ҳам ниҳед, ки Фотима духтари Муҳаммад(с) убур кунад.[2]

* Абӯаюби Ансорӣ низ аз Паёмбар(с) нақл мекунад: “Рӯзи қиёмат мунодӣ аз зери арш нидо мекунад, ки эй аҳли маҳшар, сар ба зер афканед ва чашмҳо бибандед то Фотима(а) аз сирот убур кунад. Он гиромӣ убур мекунад дар ҳоле ки ҳафтод нафар ҳуриёни биҳиштӣ ҳамроҳи ӯ ҳастанд”.[3]

* Паёмбар(с) ба Фотима(а) фармуданд: “Эй Фотима! Худованди мутаол бори дигар ба замин назар афканд ва аз он шавҳари туро интихоб кард ва бар ман ваҳй фармуд то туро ба издивоҷи вай даровардам. Оё намедонӣ, ки Худо барои каромату бузургдошти ту, туро ба касе, ки аз

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.24. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.105 бидуни зикри ровӣ.

[2] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.13.

[3] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.13. “Амолӣ”-и Муфид, саҳ.76. “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.25. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.107.

ҳамаи мусулмонон пештар Ислом оварда, ҳилму шикебоиаш бузургтар ва илмаш бештар аст, ҳамсар шуданро фармудааст...”.[1]

* Имом Содиқ(а) фармуд: “Агар Худованд Амири мӯъминон Алӣ (а)-ро барои Фотима намеофарид, барои он гиромӣ дар рӯи замин ҳамсаре набуд”.[2]

* Суфён ибни Уяйна мегӯяд, ки Имом Содиқ (а) дар тафсири ояти ***“Равон кард ду баҳрро, ки ба ҳам бирасанд ва мулоқот намоянд”***[3]**,** фармуд: “Манзур Алӣ(а) ва Фотима(а) аст…” ва ***“Аз он ду лӯълӯъ ва марҷон берун меоянд”,***[4] фармуд: “Манзур Имом Ҳасан(а) ва Имом Ҳусайн(а) мебошанд”.[5]

* Аз Имом Содиқ (а) суол шуд: “Чаро Фотима(а) “Заҳро” (дурахшанда) номида шуда аст?

Фармуд: “Зеро ҳангоме ки дар меҳробаш ба ибодат меистод нури ӯ барои аҳли осмон

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.97-98. “Хисол”-и Садуқ, саҳ.412

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.97. “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.19,31. “Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.42 “Мунтаҳаломол”, саҳ.159.”Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.461.

[3] Сураи “Раҳмон” ояти 19.

[4] Сураи “Раҳмон” ояти 22.

[5]“Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.32. “Manоқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ. 101.



медурахшид, ҳамчунон ки нури ситорагон барои аҳли замин медурахшад”.[1]

* Ривоят шудааст: “Гоҳ Фотима(а) ба намозу ибодати худ машғул мешуд ва яке аз кӯдаконаш гиря мекард ва медиданд, ки гаҳвора ҳаракат мекунад ва фариштае онро меҷунбонад”.[2]

* Имом Боқир(а) нақл мекунанд: “Расули Худо(с) Салмонро барои коре ба хонаи Фотима фиристод. Салмон мегӯяд, ки дари манзил истодам ва салом кардам, садои Фотима(а)-ро мешунидам, ки дохили манзил Қуръон мехонд ва осиё[3] берун аз ҷойгоҳи ӯ худ ба худ мегашт...”.[4]

### Меҳру муҳаббати Муҳаммад (с) нисбат ба Фотима (а)

Аз шигифтиҳое, ки ҳаёти нуронии Фотима(а)-ро арҷмандтар месозад, меҳру алоқаи фавқулодаи Паёмбар(с) нисбат ба ӯ мебошад. Ин меҳру алоқа чунон зиёд буд, ки бояд онро аз ҷумлаи шигифтиҳои зиндагии паёмбар донист. Агар дар ин нукта диққат шавад, ки паёмбари

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.12.

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.45. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.116.

[3] Осиёи дастие, ки дар хонаҳо барои орд кардан ба кор мерафт.

[4] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.46. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.116

мукаррами Ислом бартарин инсон ва муқаррабтарини бандагон назди Худои Мутаол ва меъёри ҳақ, мизони адлу эътидол дар ҳамаи умур бошад, чунон, ки “суннат” яъне маҷмӯаи гуфтору кирдор ва таидоти ӯ санади диёнат ва мустанади шариат аст, лозим аст ҳамсанги китоби илоҳӣ сармашқи аъмоли ҳамаи уммат то қиёми қиёмат қарор гирад ва ба гуфтаи китоби Худо:

***“Ҳатто ҳеҷ калимае аз гуфтори ӯ аз рӯи ҳавои нафс нест ва ҳама аз ваҳӣ сарчашма мегирад”*[1].**

Бо таваҷҷӯҳ ба ин хусусиятҳо ба арҷмандии мақоми маънавии Фотима(а) бештар пай мебарем ва дармеёбем, ки чуноне пешвоёни маъсум фармудаанд Фотима (а) аз ҷумлаи маъсумин ва аз зумраи афроди осмонӣ аст.

Паёмбар(с) духтарони дигаре низ дошт ва бо он ки нисбат ба хонавода ва хешовандон, ҳатто бегонагон бисёр меҳрубону хушрафтор буд, дар айни ҳол муҳаббати хоси ӯ ба Фотима(а) комилан мушаххас ва ҷудо аст. Ғолибтар он ки дар фурсатҳои гуногун ин муҳаббатро ба таври равшану возеҳ эълом ва назди мардум бар он таъкид мефармуд. Ин худ санадест бар он ки зиндагии Фотима(а) ва хонаводаи Фотима(а) бо

[1] Сураи “Наҷм” ояти 3, 4.



сарнавишти Ислом ҳамроҳу ҷудонашаванда аст. Робитаи Паёмбар(с) ба Фотима(а) танҳо робитаи як падар бо духтари азизи худ нест, балки бо масоили ҳаётии як ҷомеа, бо ояндаи як уммат ва бо фармонҳои илоҳӣ перомуни раҳбарӣ ва имомати мусулмонон комилан иртибот дорад.

Инак амвоҷе аз баҳри меҳру муҳаббати Паёмбар(с) нисбат ба Фотима(а)-ро тамошо кунем ва аз онҳо дарс биомӯзем:

**1-** “Равиши Паёмбар(с) чунин буд, ки вақте мехост ба сафар равад бо охирин касе, ки худоҳофизӣ мекард, Фотима(а) буд ва вақте ҳам аз сафар бармегашт ба дидори аввалин касе, ки мерафт, Фотима(а) буд”.[1]

**2-** Имом Содиқ ва Имом Боқир алайҳимоссалом нақл кардаанд, ки Паёмбар(с) ҳамеша пеш аз хоб рухсораи Фотима (а)ро мебӯсид ва чеҳраи худро рӯи синаи ӯ мегузошт ва барояш дуо мекард.[2]

**3-** Имом Содиқ (а) нақл кардаанд, ки Фотима(а) фармуд: “Ҳангоме, ки ояти “**Ло таҷъалу дуъоар Расули байнакум кадуъои баъзикум баъзан,-** ***Паёмбарро ба ҳангоми хитоб***

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.39-40. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.113 “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.6.

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ. 42. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.114.

***монанди худатон фарёд накунед ва ном набаред (ӯро "Ё Расулаллоҳ" хитоб кунед)"***[1] нозил шуд, ман бим доштам, ки дар хитоб ба Расули Худо(с) бигӯям: эй падар, бинобар ин мегуфтам: "Ё расулаллоҳ ". Ду се бор Паёмбар(с) чизе нагуфт, он гоҳ боре ба ман рӯ кард ва фармуд: эй Фотима, он оя дар мавриди ту нозил нашудааст ва инчунин дар мавриди хонаводаю насли ту низ нозил нашудааст. Ту аз ман ҳастӣ ва ман аз ту ҳастам; он оя барои ҷафокорон ва дуруштхӯёни қурайш, ки аҳли гарданкашию такаббуранд, нозил шудааст. Ту ҳамчунон дар хитоб ба ман бигӯ: "Эй падар", ки ин дилро зиндатар медорад ва Худоро хушнудтар месозад.[2]

**4-** Паёмбар мефармуданд: "Фотима пораи тани ман аст, касе, ки ӯро хушҳол созад, маро хушҳол сохтааст ва касе, ки ӯро нороҳат кунад, маро нороҳат кардааст, Фотима гиромитарини мардум назди ман аст"[3]

**5-** Ва низ мефармуданд: "...Ӯ пораи тани ман, қалби ман ва рӯҳи ман дар бадани ман аст. Касе,

[1] Сураи "Нур" ояти 63

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.32-33. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.102

[3] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.39. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.112. "Мунтаҳаломол", саҳ.160.



ки ӯро биёзорад маро озор додааст ва касе, ки маро биозорад, Худоро озурда аст."[1]

**6-** Омири Шаъбӣ, Ҳасани Басрӣ, Суфиёни Саврӣ, Муҷоҳид, Ибни Ҷубайр, Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ, Имом Боқир ва Имом Содиқ алайҳимоссалом, ҳама аз Паёмбар (с) нақл кардаанд, ки фармуд:

> ***"Ҳамоно Фотима пораи тани ман аст, касе, ки ӯро хашмгин созад, маро хашмгин сохтааст".***

Бухорӣ низ ҳаминро аз Мисвар ибни Махрама нақл кардааст.

Дар ривояти Ҷобир чунин нақл шудааст:

> ***"Пас, он ки ӯро озор диҳад, ҳамоно маро озор додааст ва он ки маро озор диҳад ҳамоно Худоро озор додааст".***

Назири ҳамин мазмунҳо дар "Саҳеҳи Муслим", "Ҳиллияи Абӯнаим" ва бисёре аз китобҳои дигари донишмандони аҳли суннат зикр шудааст.[2]

**7-** "Паёмбар (с) дар ҳоле, ки дасти Фотима (а)ро гирифта буд, берун омад ва фармуд:

> ***"Ҳар кас инро мешиносад, мешиносад ва ҳар кас намешиносад, ӯ***

[1] Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.24.

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.39. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.112

> ***Фотима духтари Муҳаммад аст. Ӯ пораи тани ман , қалби ман ва рӯҳи ман дар миёни ду паҳлуи ман аст, пас ҳар кас ӯро биёзорад, маро озурда ва ҳар кас маро биозорад, ҳамоно Худоро озурда аст".*[1]**

8- Паёмбар(с) фармуданд: "... Духтарам Фотима сайидаи занони ҷаҳон аз аввалин ва охирин аст. Ӯ пораи тани ман, нури чашми ман, меваи дили ман ва рӯҳи ман дар баданам аст. Ӯ ҳурияи инсонӣ (ва ба вуҷуд омада) аз ман аст. Дар меҳробаш ба ибодат дар пешгоҳи Парвардигораш меистад, нури ӯ барои фариштагони осмон медурахшад, ҳамчунон ки нури ситорагон барои аҳли замин медурахшад. Худои азизу ҷалил ба фариштагонаш мефармояд: "***Фариштагони ман, канизи ман Фотима, сайидаи канизони маро бингаред, ки дар пешгоҳи ман истода ва андомаш аз хавфу тарси ман ларзон аст ва бо қалби худ ба ибодати ман рӯй овардааст, гувоҳ бошед, ки ман пайравони ӯро аз оташи дӯзах амон бахшидам...***".[2]

---

[1] "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.24.

[2] "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ.99-100. "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.31



### Издиқоҷи осмонӣ

Дар соли дуюми ҳиҷрат Паёмбар(с) Фотимаро бо Амири мӯъминон Алӣ алайҳимоссалом ба ҳамсарӣ дод.[1] Ин васлати фархунда ба ростӣ шоистаи онон буд, зеро ба баёни равшани пешвоёни маъсум, марде ҷуз Алӣ (а) наметавонист ҳамсари муносиби Фотима(а) бошад.[2]

Аз хусусиятҳои ин издивоҷ, ки баёнгари мақоми баланди он ду гиромӣ аст он аст, ки Паёмбар(с) хостгории бисёре аз сарону ашрофи қурайш ва арабро напазируфт. Ҳазрат мефармуд, ки издивоҷи Фотима ба фармони илоҳӣ вобастагӣ дорад.[3] Саранҷом вақте Алӣ (а) ба хостгорӣ омад, аз ӯ пазируфт ва фармуд, ки пеш аз омадани ту фариштаи илоҳӣ ба ман хабар дод, ки Худои Мутаол ба ман фармон додааст, ки Фотима(а)-ро бо Алӣ(а) хонадор намоям.[4]

---

[1] "Кашфулғумма", ҷ.1, саҳ.493. "Мунтаҳаломол", саҳ.68.

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.92-93-97 ва 107. "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.42, "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.2, саҳ.29 "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.31.

[3] "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.477, 495. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.2, саҳ. 30-31.

[4] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.124, 127. "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ.223, 237, 256, 449, (дар бораи осмонӣ будани издивоҷ). "Кашфулғумма", ҷ.1, саҳ.480-481 ва 83. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.126-127

Расули Худо(с) аз Амири мӯъминон Алӣ(а) пурсид, ки барои тадоруки издивоҷ чӣ дорӣ? Алӣ (а) ба арзи Ҳазрат расонд, ки ҷуз як зиреҳ, як шамшер ва як шутур, ки бо он обкашӣ мекард, чизи дигаре надорад. Паёмбар(с) аз ӯ хост, ки зиреҳро фурӯшад ва бо пули он, ки наздик ба панҷсад дирҳам буд, васоили бисёр соддае барои Фотима харидорӣ шавад. Ин кор анҷом шуд ва зиёфате низ барпо доштанд ва мусулмононро таом дода, бо шодию сарвар ва ҳамроҳ бо дуои Паёмбар(с) Фотима(а)-ро ба хонаи Алӣ(а) бурданд.[1]

Ҳар гӯша аз достони ин издивоҷи нуронӣ ва осмонӣ барои пайравони роҳи Паёмбар(с) ва Аҳли Байт(а) баёнгари таидоти илоҳӣ ва таваҷҷӯҳи хоси Худои Мутаол ба хонадони нубуввват ва имомат аст. Дар айни ҳол соддагӣ ва нуронияти таълимоти Исломро дар мавриди издивоҷ ошкор месозад ва инак фарозҳои ҷолибе аз ин воқеаро дида мебароем:

* Ҳангоме ки Алӣ (а) ба хостгорӣ омад, Паёмбар(с) фармуданд: пеш аз ту мардони дигаре низ Фотимаро хостгорӣ намуданд ва дар мавриди ҳар як ба Фотима сухан гуфтам, дар чеҳраи ӯ бемайлию кароҳат мушоҳида кардам. Инак ҳамин ҷо бимон то ман баргардам.

---

[1] "Кашфулғумма", ҷ.1, саҳ.480-489.



Он гоҳ Паёмбар(с) назди Фотима рафт ва хостгории Алӣ(а)-ро ба ӯ хабар дод, Фотима сукут кард, вале рӯй барнагардонд. Паёмбар бархост ва фармуд: Аллоҳу акбар, сукути ӯ нишони ризоят аст.[1]

Маҳрияи издивоҷи Алӣ ва Фотима(а) як зиреҳ буд, ки фурӯхта шуд ва бо бахше аз қимати он барои Фотима васоили арӯсии зайл харидорӣ намуданд:

*Як пероҳан.*

*Як рӯсарии калон.*

*Як сачоқи сиёҳи хайбарӣ.*

*Як тахтихоби ресмонӣ.*

*Ду адад курпа, ки яке аз пашми гӯсфанд ва дигаре аз лифи хурмо пур шуда буд.*

*Чаҳор дона болишт.*

*Як пардаи пашмин.*

*Як қитъа гилем ва бурё.*

*Як осиёи дастӣ.*

*Як ташти (лаганд, тагора) миссӣ.*

*Зарфҳои чармӣ.*

*Як машки обкашӣ.*

*Як коса барои шир.*

*Як офтоба.*

---

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.93, 111, 112. "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.38 ва қисмати охири ин ривоят дар "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.127 ҳам зикр шудааст.

*Як хурмаи сабзфом.*

*Чанд кӯзаи сафолин.*[1]

Алӣ (а) низ чизҳое ба ин шарҳ барои хонаи худ омода кард:

Зери хонаро бо миқдоре пахоли канаб ва ё қум нарм кард.

Чӯбе миёни ду девори хона насб намуд, ки либосҳоро бар он биовезанд.

Як пӯсти гӯсфанд ва як муттако, ки аз лифи хурмо пур шуда буд, барои манзил омода кард.[2]

[1] "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.39 "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.33-34

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.114. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.129.

## Ахлоқ ва равиши Фотима (а) ва гӯшаҳое аз зиндагии ӯ

### Зӯҳд

Аз Имом Содиқ (а) ва низ аз Ҷобири Ансорӣ нақл шудааст, ки: Паёмбар(с) Фотима(а)-ро дид, ки либоси дурушт бар тан дорад ва ба дасти хеш орд мекунад (осиёи дастиро мечархонад) ва ҳамзамон фарзанди худро шир медиҳад. Ашк аз чашмони Паёмбар(с) ҷорӣ шуд ва фармуд: "Духтарам, талхии дунёро ба унвони муқаддимаи ширинии охират таҳаммул кун".

Арз кард: Эй расули Худо! Худойро бар неъматҳояш ситоишгару сипосгузорам.

Худои Мутаол ин ояро нозил фармуд: **"Валасавфа юътийка раббука фатарзо**[1]**,-**

[1] Сураи "Зуҳо" ояти 5

***Парвардигорат ба ту ато хоҳад кард, то рози ва хушнуд шавӣ".***[1]

### Кор дар манзил

Имом Содиқ (а) мефармояд:

> ***"... Алӣ (а) об ва ҳезум меоварду ва Фотима (а) орд мекард, хамир дуруст мекард, нон мепӯхт ва либосҳоро васла мекард. Он бонуи гиромӣ аз зеботарин мардум буд ва гунаҳои муаттараш аз зебоии мисли гул буд, дуруди Худо бар ӯ, бар падари ӯ, бар шавҳару фарзандонаш бод".***[2]

Алӣ (а) фармудааст:

> ***"Фотима (а) ба қадре бо машк обкашӣ кард, то бар синааш асар гузошт, ба қадре бо осиёи дастӣ орд кард, то дастҳояш маҷрӯҳ шуд, ба қадре хонарӯбӣ кард, ки либосҳояш гардолӯд шуд ва барои пухту паз ба миқдоре оташ зери дег ниҳод, ки***

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.85-86. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.120 "Мунтаҳаломол", саҳ.161, "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.24-бо ҳазфи қисмати охири ривоят.

[2] "Равзаи Кофӣ", саҳ.165.



> ***либосҳояш чирк гирифт. Дар ин корҳо заҳмату ранҷи бисёр ба ӯ мерасид..."***[1]

### Паёмбар (с) ба Фотима кӯмак мекунад

Расули Худо(с) ба манзили Фотима(а) ворид шуд. Ҳазрат Алиро дид, ки ҳамроҳи Фотима(а) машғули осиё кардан ҳастанд. Паёмбар(с) фармуд: Кадом як аз шумо хастатар ҳастед?

Алӣ(а) гуфт: Фотима, эй Расули Худо.

Паёмбар(с) ба Фотима(а) фармуданд: Духтарам бархез, Фотима бархост ва Паёмбар(с) ба ҷои ӯ нишаст ва бо Алӣ(а) дар орд кардан ёрӣ намуд.[2]

### Бонуе, ки чизе аз шавҳар намехоҳад

Имом Боқир(а) фармуданд:

> ***Фотима(а) барои Алӣ (а) тааҳҳуд кард, ки корҳои хона ба монанди хамир кардан, нон пухтан ва рӯфтани манзилро анҷом медиҳад ва Алӣ (а) барои ӯ мутааҳҳид шуд, ки корҳои берун аз манзил монанди ҳезум овардан ва омода сохтани маводи хӯрокаро анҷом медиҳад.***

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ. 42, "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.23.

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.50, "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.21.

Рӯзе Алӣ (а) аз Фотима(а) пурсид:

- Оё барои пухтани таом чизе дорӣ?

Фотима(а) ҷавоб дод:

- Савганд ба он ки ҳақ туро азим кардааст, аз се рӯз пеш то кунун чизе надорем, ки бароят биоварам.

Фармуд:

- Чаро ба ман нагуфтӣ?

Арз кард:

- Расули Худо(с) маро аз ин ки чизе аз ту бихоҳам манъ карда ва фармудааст: "Ту аз писари амакат чизе махоҳ, агар худаш чизе оварад, бигир ва дар ҳоли наовардан аз ӯ талаб макун..."[1]

### Ҳамдигарфаҳмӣ дар зиндагии муштарак

Амири мӯъминон Алӣ (а) мефармояд:

> ***"Ба Худо савганд (дар саросари зиндагии муштарак бо Фотима (а)) то он гоҳ, ки Худои азизу ҷалил ӯро қабзи рӯҳ фармуд ҳаргиз ӯро хашмгин насохтам ва бар ҳеҷ коре ӯро маҷбур накардам ва ӯ низ маро ҳаргиз хашмгин насохт ва нофармонии ман накард. Ҳар вақт ба ӯ нигоҳ мекардам, ранҷҳою андӯҳҳоям бартараф мешуд".***[1]

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.31, "Тафсири Айёшӣ", ҷ.1, саҳ.171.



### Ростгӯтарин бону

Уммулмӯъминин Оиша гуфта аст:

> ***"Ҳаргиз ростгӯтар аз Фотима(а) надидам, ҷуз падараш (Расули Акрам)(с)".***[2]

### Ибодат

Ҳасани Басрӣ мегӯяд:

> ***"Дар ин уммат обиддтар аз Фотима(а) наёмадааст, он қадр ба намозу ибодат истод, ки пойҳояш варам кард".***[3]

### Ибодат ва дуо барои дигарон

Имом Ҳасан(а) нақл фармудаанд, ки:

"Модарам Фотима(а)-ро шаби ҷумъа дидам, ки дар меҳроби худ ба ибодат бархоста аст ва то сар задани сапедаи субҳ дар ибодат, рукӯъ ва суҷуд

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.136, "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.492, "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.37.

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.53, "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.30, "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.119.

[3] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.84, "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.119, "Мунтаҳаломол", саҳ.161, "Байтулаҳзон"-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.22.

буд. Мешунидам, ки барои мӯъминин ва мӯъминот дуо мекард, ононро ном бурда барояшон дуо мекард ва барои худ ҳеҷ дуо намекард.

Ба ӯ гуфтам:

- Модар чаро ҳамон тавр ки барои дигарон дуо мекунӣ барои худат дуо намекунӣ?

Фармуд:

- Писарам, ибтидо ҳамсоя, сипас хонаи худ”.[1]

## Ҳиҷоб

Имом Мӯсои Козим (а) аз падаронаш нақл кардааст, ки Амири мӯъминон Алӣ(а) фармуд:

Шахси нобиное иҷоза хост, ки ба манзили Фотима(а) ворид шавад. Он гиромӣ худро аз ӯ пӯшида дошт. Расули Худо(с) ба ӯ гуфт:

- Чаро худро пӯшида доштӣ дар ҳоле ки нобиност ва туро намебинад?

Арз кард:

- Агар ӯ маро намебинад, ман ӯро мебинам ва низ бӯи атрро мебӯяд ва узви шоммааш солим аст.

Расули Худо(с) фармуд:

- Гувоҳӣ медиҳам, ки ту пораи тани манӣ.[1]

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ. 81-82, “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.25-26, “Мунтаҳаломол”, саҳ.161. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.22



## Иффат ва дурӣ аз мардони бегона

Фотима (а) дар посухи ин суол, ки: “Барои занон чӣ чиз беҳтар аст?”, Фармуданд: “Барои занон беҳтарин чиз он аст, ки мардонро набинанд ва мардон низ ононро набинанд”.[2]

Инчунин дар посухи суоли Паёмбар(с), ки аз ёрони хеш пурсида буданд: “Зан чӣ вақт ба Парвардигори хеш наздиктар ва муқаррабтар аст?”, Фотима (а) гуфтанд: “Зан он гоҳ ба Худои хеш наздиктару муқаррабтар аст, ки дар қаъри манзили худ зиндагӣ ихтиёр кунад”.

Паёмбар(с) (вақте посухи Фотимаро шунид), фармуд: “***Фотима пораи тани ман аст***”.[3]

Албатта маълуму равшан аст, ки берун рафтани занон мудоме, ки сабабаи анҷоми ҳаромӣ нашавад, боке надорад ва аҳёнан ба хотири порае аз умур зарурат пайдо мекунад. Манзур аз ин ривоёт ин нукта мебошад, ки беҳтар аст занон бидуни ҷиҳату зарурат худро дар маърази диди мардони бегона қарор надиҳанд.

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.91, “Мунтаҳаломол”, саҳ.161-162.

[2] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.23-24. “Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.119, “Мунтаҳаломол”, саҳ.161-162.

[3] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.92, “Мунтаҳаломол”, саҳ.162.

### Тақсими кор бо ходимаи манзил

Салмони Форсӣ мегӯяд:

> ***Фотима (а) нишаста буд ва бо осиёи дастӣ ҷавро орд мекард. Дастаи осиё (аз сабаби маҷрӯҳ будани дасти Фотима(а)) хунин буд ва Ҳусайн(а), ки дар он вақт кӯдаки хурдсол буд, дар гӯшае аз хона аз гуруснагӣ гиря мекард. Арз кардам: Эй духтари Расули Худо(с) дастатро маҷрӯҳ кардаӣ, дар ҳоле ки Физза[1] аст (яъне хидматгор); фармуд: Расули Худо(с) ба ман супориш кардааст, ки як рӯз хидмат бо Физза ва рӯзи дигар хидмат бо ман бошад ва навбати ӯ дирӯз буд...[2]***

### Гузашт аз зинатҳо

Имом Саҷҷод (а) фармуданд: “Асмо бинти Умайс бароям нақл кард:

> ***Ҳангоме, ки Расули Худо(с) бар Фотима ворид шуд, ман назди ӯ будам ва ӯ гарданбанде аз тилло ба гардан***

[1] Физза – аз бонувони бисёр парҳезкор ва ходимаи ҳазрати Заҳро (а) аст.

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.28, “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.20.



> ***дошт, ки Амири мӯъминон Алӣ (а) аз саҳми худ, аз ғаниматҳои ҷангӣ барои ӯ харида буд. Паёмбар фармуд: “Эй Фотима, мардум нагӯянд Фотима - духтари Муҳаммад либоси ҷабборон ба тан мекунад!”***
>
> ***Фотима(а) гарданбандро пора кард, фурӯхт ва бо он ғуломеро харидорӣ намуда, озод кард ва Расули Худо аз ин кор шод шуд”.[1]***

Имом Боқир (а) фармудааст:

Расули Худо (с) вақте мехост ба сафар равад, бо ҳар кас аз ақвомаш мехост, худоҳофизӣ мекард ва бо охирин шахсе, ки худоҳофизӣ мекард, Фотима (а) буд. Оғози сафараш аз хонаи ӯ буд ва вақте бармегашт ибтидо назди Фотима мерафт ва дидори ақвомро аз ӯ шурӯъ мекард. Боре Паёмбар(с) ба сафар рафт ва Алӣ (а) низ аз ғаниматҳои ҷангӣ чизе ба даст оварда ва ба Фотима дода рафта буд. Фотима(а) бо он ду дастбанди нуқра ва пардае харид ва пардаро пеши дар овехт. Вақте Расули Худо (с) баргашт ба масҷид рафт ва сипас ҳамон тавр ки маълумаш буд ба сӯи хонаи Фотима(а) омад. Фотима(а) шодмон бархост ва бо шавқу сур ба сӯи падар

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.81 ва низ хулосае аз ин ривоят бо андаке тафовут дар ”Маноқиб”-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.121.

шитофт. Паёмбар(с) ду дастбанди нуқраро дар дасти ӯ ва пардаро бар дари хона мушоҳида кард. Расули Худо(с) (пеш наомад) дар ҷое нишаст, ки Фотима(а)-ро медид, Фотима(а) гиря кард ва андӯҳгин шуду гуфт: пеш аз ин бо ман ин хел рафтор намекардед.

Сипас ду писари худ (Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн алайҳимоссалом)-ро фаро хонд ва пардаро аз дари хона канд, дастбандҳоро аз дасташ кашид ва пардаро ба яке ва дастбандҳоро ба дигаре дод ва ба онон фармуд: назди падарам биравед ва аз ман ба ӯ салом бирасонед ва бигӯед, мо пас аз рафтани шумо ба сафар ғайр аз харидани инҳо кори дигаре накардаем, инак ҳар тавр моил ҳастед онҳоро истифода кунед. Он ду аз тарафи модар ин мавзӯъро ба арзи Паёмбар(с) расонданд. Расули Худо(с) он дуро бӯсид, дар оғӯш кашид, ҳар якро бар як зонуи худ шинонд, он гоҳ фармон дод он ду дастбандро шикаста қитъа-қитъа карданд. Сипас аҳли "Суффа"-ро фаро хонд, ки эшон гурӯҳе аз муҳоҷирини бехонаю мол буданд ва тиккаҳои дастбандро миёни онҳо тақсим кард. Сипас пардаро, ки порчаи дарозу камбар буд, миёни афроде аз онон, ки бараҳна буданд ва пӯшише надоштанд тақсим кард...

Он гоҳ Расули Худо(с) фармуд: Худованд бар Фотима раҳмат оварад, ҳамоно Худои Мутаол ба ҷиҳати ин парда аз либосҳои биҳиштӣ ба ӯ хоҳад



пӯшонд ва ба ҷиҳати ин дастбандҳо аз ороишоти биҳиштӣ ба ӯ ато хоҳад кард.[1]

### Пероҳани арӯсӣ

Паёмбар(с) барои Фотима ва шаби арӯсии ӯ пероҳан омода карданд, зеро пероҳане, ки Фотима бар тан дошт, дарбеҳ шуда буд. Дар ин ҳангом мустаманде ба хонаи онон мурочиат карда либоси кӯҳна талабид. Фотима (а) хост, ки пероҳани кӯҳнаи дарбеҳдорро ба фақир диҳад, аммо ба ёд оварد, ки Худои Мутаол мефармояд: **"Лан танолул бирра ҳатто тунфиқу миммо туҳиббун, -** ***Ба некӣ намерасед то он гоҳ, ки аз ончи дӯст доред инфоқ[2] кунед"*** [3] ба ҳамин ҷиҳат пероҳани навро ба фақир дод...[4]

### Зӯҳд ва тарс аз Худо

Ҳангоме ки ояти **"Ва инна ҷаҳаннама ламавъидуҳум аҷмаъина лаҳо сабъату абвобин ли кулли бобин минҳум ҷузъун мақсум,-** ***Дӯзах миодгоҳи ҳамагии эшон аст, ки ҳафт дар дорад ва барои ҳар даре саҳми муайяне***

---

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.83-84 ва низ хулосае аз ин ривоят бо андаке тафовут дар "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.121.

[2] Харҷ, сарф.

[3] Сураи "Оли Имрон" ояти 92.

[4] "Раёҳинушшариа", ҷ.1, саҳ.106.

***аз эшон хоҳад буд”***,[1] нозил шуд, Расули Худо бо овози баланд гирист. Асҳоби ӯ аз гиряи он бузургвор гиристанд, аммо намедонистанд Ҷабраил чӣ бар ӯ фурӯд оварда аст ва ҳеҷ як тавони бо ӯ сухан гуфтанро надоштанд. Паёмбар чунон буд, ки ҳар вақт Фотима[(а)]-ро медид, хурсанд мешуд ва ба ҳамин ҷиҳат Салмон ба хонаи Фотима[(а)] рафт то ӯро аз қазия огоҳ созад. Салмон он гиромиро дар ҳоле дид, ки миқдоре ҷавро осиё мекунад ва мегӯяд: **“Ва мо индаллоҳи хайрун ва абқо,-** ***Ончи назди Худост беҳтар ва пойдортар аст”***[2] ва либоси пашмин бар тан дошт, ки дувоздаҳ ҷои он бо лифи хурмо дӯхта шуда буд. Салмон вазъи Паёмбар(с)-ро ва ин ки Ҷабраил ба ӯ чизе фурӯд оварда аст, ба Фотима[(а)] хабар дод. Он гиромӣ бархост ва ҳамон чодари дарбеҳу ямоқшударо бар худ печид ва ба хонаи Расули Худо роҳ пеш гирифт. Салмон аз мушоҳидаи он бисёр мутаассир ва андӯҳгин шуда, гуфт: дареғо, духтарони Касрою Қайсар абрешиму ҳарир мепӯшанд ва духтари Муҳаммад[(с)] абои пашмин бар тан дорад, ки дувоздаҳ ҷои он бо лифи хурмо ба ҳам васл шудааст!

---

[1] Сураи “Ҳиҷр” ояти 43-44.

[2] Сураи “Қасас” ояти 60 ва сураи “Шӯро” ояти 36.



Фотима(а) бар Расули Худо(с) ворид шуд, салом кард ва арз намуд: падарҷон, Салмон аз либоси ман тааҷҷуб кардааст, дар ҳоле ки савганд ба Худое, ки туро ба ҳақ мабъус фармуд, панҷ сол аст, ки ман ва Алӣ(а) аз васоили зиндагӣ чизе надорем, ҷуз пӯсти гӯсфанде, ки рӯзҳо рӯи он ба шутурамон ему хӯрок медиҳем ва шабҳо бистари мост ва болишти мо аз пӯсте аст, ки даруни он аз лифи хурмо пур шудааст!

Эй Салмон! Духтари ман аз гурӯҳи пешқадамон ва сибқатгирифтагон ба сӯи Худост.

Фотима(а) арз кард: фидои ту шавам падар, чӣ чизе сабаби гиристани шумо шуд?

Паёмбар аз ояте, ки Ҷабраил фурӯд оварда ба ӯ хабар дод ва Фотима(а) чун ояро шунид чунон гирист, ки бар замин афтод ва паёпай мегуфт: вой, вой бар касе, ки дар оташи дӯзах афтад…[1]

### Гуруснагӣ ва таоми осмонӣ

Абӯсаиди Худрӣ мегӯяд:

Рӯзе Алӣ ибни Абӯтолиб (а) сахт гурусна буд ва ба Фотима(а) гуфт, ки оё назди ту таоме ҳаст, ки бароям биоварӣ?

Арз кард: Не, савганд ба Худое, ки падарамро ба нубувват ва туро ба висоят (ҷонишинӣ) гиромӣ

---

[1] “Раёҳинушшариа”, ҷ.1, саҳ.148. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.28-29.

дошт, ҳеҷ чиз назди ман нест. Ду рӯз мешавад, ки ҳеҷ таоме надоштаем, ҷуз таоми мухтасаре, ки онро ба ту додаам ва туро бар худу ин ду писарам - Ҳасану Ҳусайн муқаддам доштаам.

Алӣ (а) фармуд: Чаро маро огоҳ накардӣ то чизе бароятон омода кунам?

Арз кард: Эй Абулҳасан, ман аз Худоям шарм мекунам, чизе, ки тавоноии онро надорӣ аз ту талаб намоям.

Алӣ (а) аз назди Фотима(а) бо эътимод ва ҳуснизанн ба Худо берун омад. Ӯ як динор қарз кард ва дар ҳоле, ки онро дар даст дошт ва мехост барои хонаводаи худ чизе харидорӣ кунад, бо Миқдод ибни Асвад вохӯрд. Ин дар рӯзи бисёр гарм буд, ки офтоб аз болои сар ӯро месӯзонд ва замин дар зери по доғ буд ва ӯро озор медод. Алӣ (а) вақте ӯро дид вазъи ӯро нигаронкунандаю нохушоянд ёфт ва фармуд:

Миқдод, чӣ мавзӯе дар чунин вақт туро аз хонаю хонаводаат берун овардааст?

Арз кард: Эй Абулҳасан, маро ба ҳоли худ гузор ва аз вазъам пурсиш макун.

Фармуд: Бародар, ғайримумкин аст то аз вазъи ту огоҳ нашавам аз ман бигзарӣ.

Арз кард: Бародар, ба хотири Худо маро ба ҳолам гузор ва аз ҳолам ҷӯё машав.

Фармуд: Бародар, мумкин нест ҳолатро аз ман пинҳон кунӣ.



Арз кард: Эй Абулҳасан, инак ки исрор дорӣ ва намепазирӣ ноилоҷ мегӯям. Ба Худое, ки Муҳаммад(с)-ро ба нубувват ва туро ба висоят гиромӣ дошт, маро ҷуз кӯшиш барои ёфтани чизе, ки рафъи гуруснагӣ кунад, аз хона берун наёвард. Ҳоло аз назди хонаводаам омадам дар ҳоле ки аз гуруснагӣ ба худ мепечиданд, ҳангоме ки гиряи аҳлу аёлро дидам, натавонистам бар замин қарор бигирам ва ғамгину танҳо берун омадам, достону ҳоли ман ин аст.

Чашмони Алӣ (а) гирён шуд, чунон ки ашк бар риши муборакашон расид ва ба ӯ фармуданд: Баончи савганд ёд кардӣ савганд ёд мекунам, ки маро низ аз хона берун наёвард, магар ҳамон чизе, ки туро аз хона берун овард. Инак диноре қарз кардаам ва туро бар худ муқаддам медонам. Ҳазрат динорро ба ӯ дод ва худ ба масҷиди Паёмбар(с) баргашт ва намози пешин, аср ва шомро дар масҷид хонд. Вақте Расули Худо намози шомро ба охир расонд, аз канори Алӣ ибни Абӯтолиб, ки дар сафи аввал қарор дошт убур кард ва ба ӯ ишора кард. Алӣ бархост ва аз паси Расули Худо (с) роҳ афтод ва дар пеши яке аз дарҳои масҷид ба Паёмбар(с) расид. Ба ҳазрат салом кард ва Расули Худо посухи саломашро дод ва фармуд: эй Абулҳасан, оё назди ту чизе барои шом ҳаст, ки ҳамроҳи ту биёем?

Алӣ(а) сар ба зер афканд, сокит монд ва аз хиҷолат назди Паёмбар(с) дар ҳайрат монд, ки чӣ

ҷавобе диҳад. Паёмбар ҷараёни динорро ва ин ки аз куҷо гирифта ва ба чӣ касе додааст медонист ва Худои Мутаол ба Паёмбар(с) ваҳй фармуда буд, ки он шабро назди Алӣ(а) бошад. Паёмбар чун сукути Алӣ(а)-ро мушоҳида кард, фармуд: Эй Абулҳасан, чаро намегӯӣ не, то баргардам ё ҳа то ҳамроҳи ту биёям?

Алӣ(а) аз рӯи ҳаё ва низ ба ҷиҳати эҳтироми Паёмбар(с) арз кард: Бифармоед, дар хидмати шумо ҳастем.

Паёмбар(с) дасти Алӣ(а)-ро гирифт ва омаданд то ба хонаи Фотима(а) ворид шуданд. Он гиромӣ дар меҳроби намози худ буд ва пушти сари ӯ деге буд, ки аз он буғ ба боло мерафт. Фотима(а) вақте садои Паёмбар(с)-ро дар хонаи худ шунид, аз меҳроб хориҷ шуд ва бар Паёмбар салом кард, Паёмбар ҷавоби саломи ӯро гардонд ва дасти муборакашро бар сари ӯ кашид, навозиш кард ва гуфт: Духтарам чӣ тавр рӯзро шаб кардӣ? Худои Мутаол бар ту раҳмат оварад, ба мо шом бидеҳ, Худованд туро биомурзад ва ҳамоно омурзидааст.

Фотима(а) дегро бардошт ва назди Паёмбар(с) ва Алӣ(а) ниҳод. Алӣ (а) вақте ба таом назар кард ва бӯи дилпазири онро истишмом намуд, нигоҳи тунде ба Фотима(а) кард. Фотима(а) арз кард: Субҳоналлоҳ, чӣ тунд ва сарзанишомез ба ман нигоҳ мекунӣ? Оё хилофе муртакиб шудаам, ки сабаби хашм бошам?



Фармуд: Чӣ болотар аз ин ки рӯзи гузашта ба шиддат савганд ёд кардӣ, ки ду рӯз аст таоме наёфтаӣ?

Фотима (а) ба осмон нигоҳ карду гуфт: Худои ман дар осмону замин огоҳ аст, ки ман ҷуз ҳақ чизе нагуфтаам.

Фармуд: Эй Фотима, ин таом аз куҷо бароят расидааст, ки ҳаргиз ҳамранги он надидаам, бӯи дилпазири он набӯидаам ва покизатар аз он нахӯрдаам?!

Расули Худо(с) дасти мубораки худро ба миёни шонаҳои Алӣ(а) ниҳод ва ишорае карду фармуд: эй Алӣ, ин ивази динори ту ва подоши динори ту аз сӯи Худост: **“Инналлоҳа ярзуқу ман яшоу биғайри ҳисоб**, - ***Худои Мутаол ҳар касро бихоҳад рӯзии беҳисоб мебахшад***”.[1] Он гоҳ Паёмбар(с) (аз шавқу шӯр) гирист ва фармуд: ситоиш Худоеро, ки шуморо пеш аз он ки аз дунё биравед подош бахшид ва туро эй Алӣ монанди Закариё ва Фотимаро ҳамчун Марями духтари Имрон қарор дод, ки: **“Улламо дахала алайҳо Закариял миҳроба ваҷада индаҳо ризқан,**[2]**-**

[1] Сураи “Оли Имрон” ояти 37.

[2] Сураи “Оли Имрон” ояти 37.

***Ҳар гоҳ Закариё ба меҳроби ибодати Марям ворид мешуд, назди ӯ ризқ ва таом меёфт*”.[1]

**Бахшиш ба ниёзманд ва гарданбанди пурбаракат**

Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ мегӯяд: рӯзе Расули Худо (с) намози асрро бо мо хонд. Вақте аз намоз фориғ шуд, дар қиблагоҳи намози худ нишаст ва мардум даври ӯ ҷамъ буданд. Дар ин ҳангом пирамарде аз муҳоҷирони араб, ки либосе бисёр кӯҳнаю фарсуда бар тан дошт ва аз пирию нотавонӣ наметавонист худро нигаҳ дорад, ба сӯи Паёмбар(с) омад. Расули Худо(с) ба ӯ рӯ овард ва ҷӯёи ҳолаш шуд, арз кард: эй Паёмбари Худо, шикамам гуруснааст, ба ман таом бидеҳ, баданам бараҳна аст маро либос пӯшон, фақиру мустамандам ба ман эҳсону инъом кун.

Фармуд: чизе надорам ба ту бидиҳам, вале роҳнамоӣ ба хайр монанди анҷомдиҳандаи он аст. Бирав ба хонаи касе, ки Худою Расулашро дӯст дорад ва Худою Расул низ ӯро дӯст медоранд, дар роҳи Худо исор мекунад, бирав ба ҳуҷраи Фотима(а). Хонаи Фотима(а) ба хонаи Расули Худо девор ба девор буд, ки Паёмбар(с)

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.59-61 .“Амолӣ”-и Тӯсӣ, ҷ.2, саҳ.228-230, “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.26-29.



онро ҷудо аз манзили бонувони худ барои худ қарор дода буд.

Паёмбар фармуд: эй Билол бархез ва ӯро ба манзили Фотима(а) бирасон.

Пирамарди аъробӣ ҳамроҳи Билол омад ва бар дари сарои Фотима(а) истод ва бо овози баланд гуфт: салом бар шумо эй хонадони нубувват ва маҳалли рафтуомади фариштагон ва нузулгоҳи Ҷабраили Амин барои фурӯд овардани ваҳӣ аз сӯи Парвардигори ҷаҳониён.

Фотима(а) фармуд: Салом бар ту, ту кистӣ?

Арз кард: Пирамарде аз араб, ки аз сахтию машаққат муҳоҷират ихтиёр кардам ва ба сӯи падарат - сарвари одамиён рӯ овардам. Инак эй духтари Муҳаммад(с), ман танбараҳна ва сахт гуруснаам, бо ман эҳсону бахшиш кун, Худованд бар ту раҳмат оварад.

Дар ин ҳангом Фотима, Алӣ ва Расули Худо(с) се рӯз буд, ки таоме нахӯрда буданд ва Паёмбар(с) вазъи ононро медонист. Фотима даст бурд ва пӯсти даббоғишудаи гӯсфандиеро, ки Ҳасану Ҳусайн(а) рӯи он мехобиданд, гирифт ва фармуд: эй касе, ки бар дари сарой истодаӣ, инро бигир, умед аз Худованд ба раҳмати хеш беҳтар аз онро ба ту ато фармояд.

Аъроби арз кард: Эй духтари Муҳаммад, назди ту аз гуруснагӣ шиква кардам ва ту пӯсти гӯсфанд ба ман медиҳӣ, ман бо ин гуруснагӣ онро чӣ кор кунам?

Фотима(а) чун ин суханро аз ӯ шунид, даст фаро бурд ва гарданбандеро, ки дар гардан дошт ва Фотимаи духтари Ҳамза ибни Абдулмутталиб ба ӯ ҳадя карда буд, берун овард ва ба аъробӣ доду гуфт: Инро бигир ва бифурӯш, умед аст Худованд ба ҷои он ба ту чизе аз он беҳтар диҳад.

Аъробӣ гарданбандро гирифт ва ба масҷиди Расули Худо(с) омад. Паёмбар дар ин вақт дар миёни ёрони худ нишаста буд. Аъроби гуфт:

- Ё Расулаллоҳ, Фотима(а) ин гарданбандро ба ман ато кард ва фармуд онро фурӯш, умед аст Худо ҳоҷатҳоятро бароварда созад.

Паёмбар(с) гирист ва фармуд:

- Чӣ гуна мумкин аст Худо бароят бароварда насозад, дар ҳоле ки Фотимаи духтари Муҳаммад, бонуи ҳамаи духтарони олам онро ба ту ато кардааст.

Аммор ибни Ёсир раҳматуллоҳи алайҳ бархост ва арз кард:

- Оё ба ман иҷозат медиҳӣ ин гарданбандро харидорӣ кунам?

Фармуд:

- Эй Аммор онро бихар, агар дар он ҳамаи ҷинну инс ширкат ҷӯянд Худои Мутаол ононро ба оташи кайфар нахоҳад расонд.

Аммор гуфт:

- Эй аъробӣ, гарданбандро чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:



- Дар баробари он қадар нону гӯшт, ки сер шавам ва либосе, ки худро бо он пӯшонам ва дар он барои Парвардигорам намоз гузорам ва диноре, ки маро ба хонаводаам бирасонад.

Аммор дар ин ҳангом саҳми худ аз ғанимати “Хайбар”-ро, ки Расули Худо ба ӯ ато карда буд фурӯхта, чизеро аз он барояш боқӣ намонда гуфт: ба ту дар баробари гарданбанд бист динор, дусад дирҳам, як порчаи либоси ямонӣ ва шутурамро медиҳам, ки туро ба хонаводаат расонад ва аз нону гӯшт ҳам серат мекунам.

Аъробӣ гуфт:

- Эй мард, бисёр саховатманд менамоӣ. Ӯ ҳамроҳи Аммор рафт ва он чиро Аммор ваъда карда буд, ба ӯ дод. Аъробӣ назди Паёмбар(с) баргашт ва Расули Худо(с) ба ӯ гуфт:

- Оё сер ва пӯшонда шудӣ?

Арз кард:

- Оре, бениёз шудам, падару модарам фидои шумо.

Фармуд:

- Акнун Фотимаро ба ҷиҳати эҳсонаш дуо кун.

Аъробӣ гуфт:

- Бор Худоё, ту ҳамеша Худои мо будаӣ ва ҷуз ту Худоеро парастиш намекунем ва ту аз ҳама ҷиҳат розиқи моӣ.

Бор Худоё, ба Фотима ончи чашме надида ва гӯше нашунида ато кун.

Паёмбар(с) бар дуои ӯ омин гуфт ва ба ёрони худ рӯ оварду гуфт: ҳамоно Худованд мазмуни ин дуоро дар дунё ба Фотима ато кардааст, далелаш ин аст, ки: ман падари ӯ ҳастам ва ҳеҷ кас аз ҷаҳониён монанди ман нест, Алӣ(а) шавҳари ӯст ва агар Алӣ(а) намебуд, ҳаргиз барои Фотима(а) то абад ҳамсаре набуд, Худо ба Фотима Ҳасану Ҳусайнро ато кардааст ва барои ҷаҳониён мисли он ду нест, ки ду сарвари наберагони анбиё ва ду сайиди ҷавонони биҳиштанд.

Дар муқобили Паёмбар, Миқдод, Аммор ва Салмон қарор доштанд, ба онон фармуд: оё бароятон (дар мадҳу фазоили Фотима) биафзоям?

Арз карданд:

- Оре ё Расулаллоҳ(с).

Фармуд:

- Ҷабраил ба ман хабар дод, ки Фотима чун аз дунё биравад ва дафн шавад, ду фариштаи саволкунанда дар қабраш аз ӯ мепурсанд:

- Парвардигорат кист?

Мегӯяд:

- Аллоҳ Парвардигори ман аст.

Мепурсанд:

- Паёмбари ту кист?

Мегӯяд:

- Падарам.

Мепурсанд:

- Валӣ ва имоми ту кист?



Мегӯяд:

- Ҳамин ки дар канори қабри ман истодааст; Алӣ ибни Абӯтолиб(а).

Паёмбар фармуд:

- Огоҳ бошед, ки ман бароятон аз фазилатҳои Фотима боз ҳам меафзоям ва бештар баён мекунам:

Ҳамоно Худованд гурӯҳи калоне аз фариштагонро маъмур кардааст, ки Фотима(а)-ро аз пеши рӯй, пушти сар ва росту чап нигаҳдорӣ кунанд. Онон дар зиндагӣ бо ӯ ҳастанд, дар қабр ва пас аз марг низ ҳамроҳи ӯ ҳастанд ва бисёр бар ӯ ва падар, шавҳар ва фарзандони ӯ дуруд мефиристанд. Пас он ки маро пас аз вафотам зиёрат кунад, чунон аст, ки маро дар зиндагӣ дидор карда бошад. Ҳар кас Фотима(а)-ро зиёрат кунад, мисли он аст, ки маро зиёрат карда бошад, ҳар кас Алӣ ибни Абӯтолиб(а)-ро зиёрат кунад, мисли он аст, ки Фотима(а)-ро зиёрат карда бошад, ҳар кас Ҳасан ва Ҳусайнро зиёрат намояд, мисли он аст, ки Алӣ(а)-ро зиёрат кардааст ва ҳар кас зуррия ва фарзандони Ҳасан ва Ҳусайн(а)-ро зиёрат кунад, мисли он аст, ки он дуро зиёрат карда бошад.

Он гоҳ Аммор гарданбандро гирифт, бо мушк хушбӯ сохт, дар порчаи ямонӣ печонд ва ба ғуломаш, ки Саҳм ном дошт ва онро аз ғаниматҳое, ки дар ҷанги “Хайбар” ба ӯ расида буд харидорӣ карда буд, дод ва гуфт: инро ба

Расули Худо(с) бидеҳ ва худат ҳам ба Паёмбар(с) тааллуқ дорӣ.

Ғулом гарданбандро гирифта хидмати Паёмбар(с) шарафёб шуд ва гуфтаи Амморро ба арз расонид. Паёмбар(с) фармуданд: назди Фотима(а) бирав ва гарданбандро ба ӯ бидеҳ, ту низ аз они ӯ ҳастӣ.

Ғулом гарданбандро ба хидмати Фотима(а) бурд ва фармудаи Паёмбарро ба иттилои ӯ расонид. Фотима(а) гарданбандро гирифт ва ғуломро озод кард, ғулом хандид ва Фотима(а) пурсид: Аз чӣ механдӣ, эй ғулом!

Арз кард: Баракати фаровони ин гарданбанд маро хандон сохтааст, ки гуруснаеро сер кард, бараҳнаеро либос пӯшонд, фақиреро бениёз кард, бандаеро озод сохт ва худи гарданбанд ҳам ба соҳибаш баргашт![1]

### Чодари нуронӣ

Боре Алӣ (а) миқдоре ҷав аз як яҳудӣ қарз гирифт. Яҳудӣ дар гарави қарз чизе талабид, Алӣ (а) чодари пашмини мутааллиқ ба Фотима (а)ро назди яҳудӣ ба гарав гузошт. Яҳудӣ онро дар ҳуҷрае гузошт ва вақте шаб шуд зани ӯ барои коре ба он ҳуҷра ворид шуд ва мушоҳида кард, нуре дар он ҷо медурахшад, ки ҳамаи ҳуҷра аз он

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.56-58.



равшан аст. Назди шавҳари худ баргашт ва хабар дод, ки дар он ҳуҷра нуре бузург ва дурахшон дидааст. Яҳудӣ аз гуфтори занаш шигифтзада шуд ва фаромӯш карда буд, ки дар он ҳуҷра чодари Фотима(а) аст. Ӯ бошитоб бархост ва ба он ҳуҷра даромад ва мушоҳида кард, ки нури либоси мазкур аз ҳар сӯ шуоафкан аст, чунон ки гӯё моҳи дурахшоне аз наздик метобад. Яҳудӣ таааҷҷуб кард ва беш аз пеш дар маҳалли либос фикр кард ва дарёфт, ки он нур аз чодари Фотима(а) аст. Ӯ аз хона берун омад ва ба назди хешу таборонаш шитофт ва занаш низ вобастагони худро хабар кард. Ҳудуди ҳаштод тан аз яҳудиён гирд омаданд ва ин мавзӯъро мушоҳида карданд ва ҳама ба дини Ислом даромаданд.[1]

### Либоси биҳиштӣ барои бонуи мутаҳҳаре, ки либос надорад

Бори дигар, бархе аз яҳудиён ҷашни арусӣ доштанд, ба ҳамин ҷиҳат назди Паёмбар(с) омаданд ва гуфтанд: мо ҳаққи ҳамсоягӣ дорем, аз шумо хоҳиш мекунем духтаратон Фотимаро ба хонаи мо бифиристед, то ҷашни мо ба вуҷуди ӯ

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.40 ва хулосае аз ин ривоят дар "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.117-118, "Мунтаҳаломол", саҳ.160.

зебандатар шавад ва дар ин даъват бисёр исрор карданд.

Паёмбар(с) фармуд: ӯ ҳамсари Алӣ ибни Абӯтолиб ва ба фармони ӯст (яъне иҷозати омадани ӯро аз Алӣ ибни Абӯтолиб гиред).

Онон аз паёмбар хоҳиш карданд, ки назди Алӣ(а) барои ин даъват восита шавад. Яҳудон дар ин ҷашни арусӣ ҳамагуна лавозим фароҳам карда, зинату зевари чашмгире гирд оварда буданд. Онон гумон бурданд, ки Фотима(а) бо либосҳои кӯҳнаю фарсудааш ширкат мекунад ва бо ин роҳ мехостанд ӯро хору ҳақир карда бошанд.

Дар ин ҳангом Ҷабраил либоси биҳиштӣ овард, бо зинату зеваре, ки мислу монандашро надида буданд. Фотима(а) онро пӯшид ва бинандагон аз рангу бӯи хуши он ҳайратзада шуданд. Вақте Фотима ба хонаи яҳудон ворид шуд, занони яҳуд дар баробараш ба саҷда афтоданд ва пеши ӯ бар замин бӯса мезаданд. Бисёре аз яҳудон ба ҷиҳати ҳамин мӯъҷиза Исломро пазируфтанд ва мусулмон шуданд.[1]

### Фариштагон ба Фотима (а) кӯмак мекунанд

Абӯзар раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд:

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.30.



Боре Расули Худо(с) маро фиристод, ки Алӣ(а)-ро наздаш даъват кунам. Ба хонаи Алӣ(а) омадам ва ӯро садо кардам, қасе ҷавоб надод, осиёи дастӣ дохили хона худ ба худ мегашт ва касе канори он набуд, дубора Алӣ (а)ро садо кардам, ҳазрат берун омад ва Расули Худо бо ӯ сухан гуфт ва ба ӯ чизе фармуд, ки нафаҳмидам. Он гоҳ ман гуфтам: аз осиёе, ки дар хонаи Алӣ(а) аст, шигифтзадаам, ки худ ба худ мегашт ва касе канори он набуд!

Паёмбар(с) фармуданд: духтарам Фотима чунон аст, ки Худованд қалбу аъзои ӯро аз имону яқин пур сохта аст. Худо аз заъфу нотавонии ӯ огоҳ аст ва ӯро дар зиндагиаш кӯмак мекунад ва кифоят мекунад. Оё намедонӣ, ки Худованд фариштагоне дорад, ки маъмури кӯмак ба хонадони Муҳаммад(с) мебошанд?[1]

### Исори Аҳли Байт (а) ва нузули сураи «ҳал ато»

Тамоми ровиёни шиа ва суннӣ нақл кардаанд, ки Амири мӯъминон Алӣ, Фотимаи Заҳро, Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн алайҳимуссалом ва хидматгори онон Физза тибқи назре, ки карда буданд, се рӯз рӯза гирифтанд. Шаби аввал

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.43, саҳ.29 ва шабеҳ ба ҳамин ривоят бо каме тафовут дар "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.116.

ҳангоми ифтор фақире дар зад, Алӣ (а) ифтори худро ба ӯ дод ва дигарон низ ба ӯ пайравӣ карда ифтори худро ба фақир доданд ва бо об ифтор карданд. Шаби дуюм ятиме дар зад ва боз ифтори худро ба ӯ доданд. Шаби сеюм низ асире омад ва чизе талабид, боз ифтори худро ба ӯ доданд. Он гоҳ аз сӯи Худои Мутаол сураи "**Ҳал ато алал инсони**" нозил шуд.[1] Дар он ояти "**Ва ютъимунат таъома ало ҳуббиҳӣ мискинан ва ятиман ва асиро**" ба исору инфоқи он бузургворон ишора дорад. Бархе аз уламо фармудаанд, ки дар ин сураи муборака ҳамагуна неъматҳои биҳиштӣ зикр ва ваъда шудааст, аммо аз ҳурон ва занони биҳиштӣ ҳеҷ зикре нашудааст, ки ин ба эҳтироми бонуи бонувон Фотима (а) аст.[2]

Тафсили ин достонро дар тафсирҳои шиа ва суннӣ, аз ҷумла дар тафсири маъруфи "Кашшоф" таълифи олим ва муфассири бузурги суннӣ Ҷоруллоҳ Замахшарӣ метавон пайдо кард.

### Фотима (а) ва Ояти «татҳир»

Ба қайду эътирофи умуми ровиён ва муфасссирони шиа ва бисёре аз уламо ва

---

[1] "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ.212-216 ,"Кашфулғумма", ҷ.1, саҳ.413-417.

[2] "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.106, 147-148.



муфассирони суннӣ ояти "Татҳир": "**Иннамо юридуллоҳу лиюзҳиба анкумурриҷса аҳлал байти ва ютаҳҳиракум татҳиро**"[1], ***дар мавриди Амири мӯъминон Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн алайҳимуссалом нозил шудааст.***[2] Манзур аз аҳли байти маъсуми Паёмбар (с), ҳамин бузургворонанд. Ҳамон тавр ки муфассирони бузург навиштаанд, ояти мазкур далолат бар маъсум будани онон дорад. Инчунин даҳҳо ривояту истидлоли дигар дар ин замина ҳаст, ки алоқамандон метавонанд барои иттилои бештар ба китобҳои муфассал муроҷиат намоянд. Мо дар ин ҷо ба нақли як ривоят басанда мекунем:

Нофеъ ибни Абулҳамро мегӯяд: ман ҳашт моҳ ҳозир будам ва Паёмбар(с) -ро медидам, ки ҳар рӯз ҳангоме ки барои намози субҳ берун меомад ба дари хонаи Фотима(а) мерафт ва мефармуд:

> ***"Ассалому алайкум ё аҳлал байти ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу, ассалот, иннамо юридуллоҳу лиюзҳиба анкумурриҷса аҳлал байти ва ютаҳҳиракум татҳиро.***
>
> ***Салом бар шумо эй аҳли байт ва раҳмату баракатҳои Худо бар шумо***

---

[1] Сураи "Аҳзоб" ояти 33.

[2] "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ.381-382, "Амолӣ"-и Тӯсӣ, ҷ.1, саҳ.254, 269, 270.

***бод. Вақти намоз аст. Ҳамоно Худои Мутаол ирода фармудааст, ки аз шумо Аҳли Байт ҳар гуна нопокиро дур созад ва покатон созад поксохтанӣ”.*[1]**

## Ҳамроҳони Паёмбар (с) дар мубоҳила

Ба қайди умуми ровиён, таърихҳо ва тафсирҳо, Заҳро (а) яке аз панҷ нафаре аст, ки дар мубоҳилаи Паёмбар(с) бо масеҳиёни Наҷрон ширкат доштааст. Ин мавзӯъ изофа бар он, ки худ фазилати бузург ба ҳисоб меравад, аз қавитарин далелҳое низ мебошад, ки равшан месозад Аҳли Байти маъсуми Паёмбар(с): Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн алайҳимуссалом ҳастанд ва дигар хешовандону занони паёмбар дар ин хусусият ширкате надоранд.

Хулосае аз достони Мубоҳила чунин аст:

Гурӯҳе аз масеҳиёни Наҷрон назди Паёмбар(с) омаданд ва дар мавриди Исо (а) бо он ҳазрат гуфтугӯ карданд. Паёмбар(с) ин ояро бар онон хонд: **“Инна масала Исо индаллоҳи камасали Одама халақаҳу мин туробин,**[2]**-** ***Масали (хилқати) Исо (ки бепадар халқ шуда) назди Худо***

[1] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.13.

[2] Сураи “Оли Имрон”, ояти 53.



***ҳамчун масали (хилқати) Одам аст, ки Худо ӯро (бе падару модар) аз хок офарид.***

Масеҳиён қонеъ нашуданд ва эътироз карданд. Дар ин ҳангом ояти мубоҳила бар Паёмбар[с] нозил шуд ва Худованд фармон дод: **“Фаман ҳоҷҷака фиҳи мин баъди мо ҷоака минал илми фақул таъолав надъу абноано ва абноакум ва нисоано ва нисоакум ва анфусано ва анфусакум, сумма набтаҳил фанаҷъал лаънаталлоҳи алал козибин,**[1]**-** ***Ҳар кас пас азончи аз илму дониш ба ту расида дар мавриди Исо бо ту ситез кард, бигӯ биёед фаро хонем писаронамонро ва писаронатонро, занонамон ва занонатонро, ҷонҳоямон ва ҷонҳоятонро, он гоҳ мубоҳила кунем ва лаънати Худоро бар дурӯғгӯён қарор диҳем.***

Мубоҳила он аст, ки ду тарафе, ки бо ҳам дар мавзӯе ихтилофу душманӣ доранд, ҳамдигарро нафрин кунанд, аз Худо бихоҳанд, ки лаънату азобро бар тарафе, ки ботил аст фурӯд оварад. Ин кор фақат аз паёмбарони ростин, ки иртиботи ҳақиқӣ бо Худо доранд мебарояд.

Масеҳиёни Наҷрон ибтидо пазируфтанд ва қарор шуд пагоҳи он рӯз мубоҳила шавад, аммо вақте аз назди паёмбар рафтанд дар миёни худ ба гуфтугӯ пардохтанд. Усқуф ба онон гуфт: агар

[1] Сураи “Оли Имрон”, ояти 54.

фардо бо фарзандон ва аҳли байташ омад, аз мубоҳила бо ӯ худдорӣ кунед ва агар бо асҳобаш омад, чизе нест.

Рӯзи дигар Паёмбар(с) ҳамроҳи Амири мӯъминон Алӣ, Фотимаи Заҳро, Ҳасан ва Ҳусайн салавотуллоҳи алайҳим барои мубоҳила омад. Ҳазрат дар баробари масеҳиён бар хок нишаст ва ба аҳли байт фармуд: "Ҳангоме ки ман дуо кардам шумо омин бигӯед". Масеҳиён аз мушоҳидаи ҳайати Паёмбар(с) бисёр бимнок шуданд ва эътироф карданд, ки равиши ӯ монанди равиши соири анбиёи ростин аст. Онон аз Расули Худо(с) хоҳиш карданд, ки аз мубоҳила даст кашад ва бо онон мусолиҳа намояд. Оқибат масеҳиён бо пардохти амволе ба унвони мусолиҳа, баргаштанд.[1]

### Гиря бар гуруснагии падар

Абдулло ибни Ҳасан мегӯяд:

> ***Боре Расули Худо(с) ба хонаи Фотима(а) ворид шуд. Фотима(а) пораи нони қоқ хидмати паёмбар овард ва Паёмбар(с) бо он ифтор кард***

[1] "Кашфулғумма", ч.1, саҳ.425-426. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ч.1, саҳ.142, "Мунтаҳаломол", саҳ.114, 117. Инчунин дар "Саҳеҳ"-и Муслим, "Муснад"-и ибни Ҳанбал, "Тафсири Замахшарӣ" ва дар аксари тафосири Қуръон мавзӯи "Мубоҳала" ва ин фазилат зикр шудааст.



> ***ва баъд фармуд: духтарам ин аввалин ноне аст, ки падарат аз се рӯзи пеш то кунун хӯрда аст.***
>
> ***Бо шунидани ин сухан Фотима ба гиря кардан шурӯъ кард ва Паёмбар(с) ба дасти муборaки хеш чеҳраи ӯро навозиш мекард ва ашкашро пок мекард.***[1]

### Эҳтироми Фотима назди Паёмбар (с)

Аз Оиша нақл кардаанд, ки:

> ***Фотима ҳар гоҳ ба назди Расули Худо(с) меомад, ба хотири ӯ аз ҷои худ бармехост, сари Фотимаро мебӯсид ва ӯро дар ҷои худ мешинонд. Ҳар гоҳ Паёмбар(с) назди Фотима(а) мерафт то ӯро мулоқот кунад, бо якдигар рӯбӯсӣ мекарданд ва бо ҳам менишастанд.***[2]

### Шаҳодат

Пас аз реҳлати Паёмбар(с) мусибатҳои гуногуне қалби Заҳро(а)-ро мефишурд ва

[1] "Биҳоруланвор", ч.43, саҳ.40. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ч.3, саҳ. 113.

[2] "Биҳоруланвор", ч.43, саҳ.40. "Маноқиб"-и Шаҳрошӯб, ч.3, саҳ. 113.

зиндагиро барои ӯ талх ва ғайри қобили таҳаммул месохт. Аз як тараф аз даст додани Паёмбар(с) барои ӯ, ки ба падари гиромии хеш ишқ меварзид ва ҳаргиз таҳаммули фироқу дурии ӯро надошт, бисёр дарднок буд, аз сӯи дигар воқеаҳои руходода баъд аз даргузашти паёмбар дар мавриди хилофати Амири Мӯъминон, вуҷуди поки Заҳро (а)ро ҷисману рӯҳан сахт озурда сохт.

Ҳамин мусибату ранҷҳо ва низ мусибатҳои дигаре, ки аз ёди он сарфи назар мекунем сабаби он аст, ки Заҳро(а) пас аз Паёмбар(с) ҳамвора гирёну андӯҳгин буд. Ӯ ба зиёрати қабри падар мерафт ва бисёр мегирист.[1] Гоҳ ба оромгоҳи шаҳидон мерафт ва нола мекард,[2] дар хона низ ҷуз гиряу азодорӣ кори дигаре надошт. Вақте гиряу нолаи ӯ мавриди эътирози мардуми Мадина қарор мегирифт, Амири Мӯъминон(а) барои ӯ дар гӯристони “Бақиъ” кулбае бино кард, ки “Байтулаҳзон” номида шуд. Заҳро(а) ҳар бомдод Ҳусайн(а)-ро бардошта ба он ҷо мерафт ва дар миёни қабрҳо то шабонгоҳ мегирист. Вақте шаб фаро мерасид Амири Мӯъминон(а)

[1] “Мунтаҳаломол”, саҳ.160. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ. 137

[2] “Мунтаҳаломол”, саҳ.163. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ. 141 “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.121 “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.60.



мерафту ӯро ба хона меовард. Ин рафтуомад то бемор шуда ба бистар афтодани Фотима(а) идома дошт.[1]

Шиддати андӯҳи Заҳро(а) дар фироқи Паёмбар(с) ва озурдагии ӯ чунон буд, ки ҳар чизи нишон аз паёмбар дошта ӯро гирён месохту бетоқат мекард:

Билол – муаззини Паёмбар(с) тасмим гирифта буд пас аз он бузургвор барои дигарон азон нагӯяд. Рӯзе Заҳро (а) фармуд: “Дӯст дорам овози муаззини падарамро бишнавам”. Ин хабар ба Билол расид ва ба эҳтироми Заҳро(а) ба азон гуфтан истод. Вақте бонги Билол ба “Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар” бархост, Заҳро натавонист ҷилави гиряи худро гирад ва чун Билол ба “Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ” расид, Заҳро (а) фарёде кашиду беҳуш шуд.

Мардум ба Билол гуфтанд: даст аз азон нигаҳ дор, ки духтари Паёмбар(с) аз дунё рафт ва гумон карданд, ки он гиромӣ вафот кардааст.

Билол азонро қатъ кард ва онро нотамом гузошт. Вақте Заҳро(а) ба ҳуш омад аз Билол хост азонро тамом кунад, вале ӯ напазируфт ва арз

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.177-178. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.138.

кард: эй сайидаи бонувон, ман аз ин ки бонги азони маро бишнавед бар ҷони шумо бимнокам.[1]

Саранҷом андӯҳи тоқатфарсои Заҳро (а) ва садамоте, ки бар он гиромӣ ворид карданд ӯро аз пой афтонд, ранҷур, бемор ва бистарӣ кард. Оқибат бар асари ҳамон садамот дар рӯзи сездаҳуми ҷимодиюлаввал ё сеюми ҷимодиюссонии соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ, яъне ҳафтоду панҷ ё наваду панҷ рӯз пас аз реҳлати Расули Акрам аз дунё рафт ва бо шаҳодати худ қалбҳои шиаёни[2] худро то абад дар ғаму андӯҳ монд.

***Поён.***

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.43, саҳ.157. “Байтулаҳзон”-и Муҳаддиси Қумӣ, саҳ.140-141.

[2] Шиа дар луғат ба маънои "пайрав" мебошад; шиаи Паёмбар[(с)],-яъне пайрави Расули Худо[(с)], шиаи Алӣ,- пайрави Алӣ ва ғайра. Дар ин навиштор ҳар куҷо калимаи шиа ба кор рафта аст, ба пайравони халифаи чаҳорум Алӣ[(а)] ва дудмони он ҳазрат, ки ҳамагӣ аҳли байти Паёмбар[(с)]-ро ташкил мекунанд, сидқ мекунад.



## Мундариҷа

Сарсухан ....................5
Хулосаи зиндагии Фотимаи Заҳро (а) ....................9
Навзоди ваҳй ва рисолат ....................10
Ҳамроҳи падар ....................12
Модари Фотима (а) ....................15
Ҳиҷрат ба Мадина ....................17
Шахссияти осмонии Фотима (а) ....................20
Муҳаббати Муҳаммад (с) нисбат ба Фотима (а) ....................26
Издиқоҷи осмонӣ ....................32
Ахлоқи Фотима (а) ва гӯшаҳое аз зиндагии ӯ ....................36
Зӯҳд ....................36
Кор дар манзил ....................37
Паёмбар (с) ба Фотима кӯмак мекунад ....................38
Бонуе, ки чизе аз шавҳар намехоҳад ....................38
Ҳамдигарфаҳмӣ дар зиндагии муштарак ....................39
Ростгӯтарин бону ....................40
Ибодат ....................40
Ибодат ва дуо барои дигарон ....................40
Ҳиҷоб ....................41
Иффат ва дурӣ аз мардони бегона ....................42
Тақсими кор бо ходимаи манзил ....................43
Гузашт аз зинатҳо ....................43
Пероҳани арӯсӣ ....................46
Зӯҳд ва тарс аз Худо ....................46
Гуруснагӣ ва таоми осмонӣ ....................48
Бахшиш ба ниёзманд ва гарданбанди пурбаракат ....................53
Чодари нуронӣ ....................59
Либоси биҳиштӣ барои бонуе, ки либос надорад ....................60
Фариштагон ба Фотима (а) кӯмак мекунанд ....................61
Исори Аҳли Байт (а) ва нузули сураи «ҳал ато» ....................62

Фотима (а) ва Ояти «татҳир»........................................63
Ҳамроҳони Паёмбар (с) ва дар мубоҳила.................65
Гиря бар гуруснагии падар..........................................67
Эҳтироми Фотима назди Паёмбар (с).......................68
Шаҳодат...........................................................................68